# ТАҚРИЗ

ба таҳқиқоти илмии Сафарзода Зайнудин, дар мавзуи «Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб», ки барои ҳимоя ба Шурои диссертат-сионии 6D.КОА-075 – и назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, пешниҳод шудааст

Соҳа чорводорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноку муҳими кишоварзӣ дар ҷумҳуриамон ба шумор рафта, дар ҳалли яке аз масъалаҳои стратегии мамлакат-таъмини амнияти озуқаворӣ мақоми хоса дорад. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди он ҳамеша таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Дар робита ба он, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор бахшҳои соҳа, аз ҷумла дар соҳаи зотпарварӣ ва парандапарварию моҳипарварӣ имтиёзҳои давлатӣ пешбинӣ гардидаанд.

Бояд ёдовар шуд, хусусияти муҳими давраи рушди замони муосир дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон, аз ҷумла чорводорӣ зарурати суръат бахшидани рушди илмию техникии истеҳсолотро ба миён меорад. Тавассути таҳқиқоту омӯзишҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои наву самарабахши соҳаи мазкур, таҳкимбахшии қобилияти ирсии чорво, зиёд намудани маҳсулнокии он, гирифтани насли чорво, офаридани зоту ҷинсҳои нави сермаҳсули ба шароити маҳал ва тағйирёбии иқлим мутобиқ, таҳияи усулҳои парваришу нигоҳубин, пурбаҳо хӯронидани чорво вазифаҳои муҳими илму истеҳсолот ба шумор мераванд.

Таҳқиқоти унвонҷӯ Сафарзода З. ба яке аз самтҳои муҳими соҳаи чорвoводорӣ самти чорвои гӯштӣ равона гардидааст. Бояд қайд намуд, ҳоло дар ҷумҳурӣ манбаи асосии таъминоти бозори дохилӣ бо маҳсулоти гӯштӣ дар баробари дигар бахшҳо соҳаи чорвои калони шохдор ба ҳисоб меоравад. Тибқи ҳисоботҳои оморӣ ба 01.01. с.2026 саршумори ч.к.ш. дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ наздик ба 3,0 млн сарро ташкил медиҳад. Такмил додани сифатҳои зотию маҳсулнокии чорво имрӯз дар назди илму истеҳсолоти ватанӣ вазифаи муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқоти илмии унвонҷӯ дар ин самт ба барномаи стратегии ҷумҳурӣ-амнияти озӯқаворции мамлакат мувофиқат мекунад.

Маврид ба зикри хос аст, ки дар давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар шароити вилояти Хатлон дар соҳаи чорвои гӯштӣ, натиҷаи дурагакунонии чорвои маҳаллӣ ба чорвои зоти махсусгардонидашудаи

гӯштии қазоқии сарсафеди аз Ҷумҳурии Қазоқистон воридшуда омӯхта шуда, натиҷаҳои хуби илмию истеҳсолӣ ба даст омадаанд, ки навгонии илмии таҳқиқоти унвонҷӯ ба ҳисоб меравtotанд.

Корҳои таҷрибавӣ дар шароити хоҷагиҳои кооперативии чорвои гӯштии «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2021-2023 гузаронида шудаанд. Мақсади таҳқиқот –омӯзишу беҳтар гардонидани сифатҳои ирсӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии чорвои маҳаллӣ бо усули истифодаи дуругакунии зоти қазоқии сарсафед ва парвариши насли гирифташуда барои зиёд намудани истеҳсоли гӯшт мебошад.

Дар таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯ хусусиятҳои биологию маҳсулнокӣ ва ирсии зотҳои чорвои гӯштӣ, аз ҷумла зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои популятсияи маҳалӣ, наслҳои аз дурагакунии байни онҳо гирифташуда, афзоиш ва рушди онҳо, нишондиҳандаҳои физиологӣ, химиявӣ, гематологӣ, унсурҳои генетикӣ, сифати гӯшт ва равғани дохилӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот муайян гардидааст, ки наслҳои дурагаи бадастомада назар ба чорвои маҳаллӣ аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳои ирсию маҳсулнокӣ бартарӣ доштанд.

Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки дар буққачаҳои дурага (зоти сарсафеди қазоқӣ бо популятсияи маҳаллӣ) то синни 1,5 солагӣ вазни зиндаашон 319,5 кг ва дар 24 моҳагӣ, мутаносибан - 377,6 кг-ро ташкил дод. Чунин ба назар мерасад, ки энергияи баланди афзоиш, ки ба чорвои насли сарсафеди қазоқӣ хос аст ва ин чорво дар шароити иқлими сарду хунук хуб мутобиқ мебошад, эҳтимоли дар шароити иқлими гарми ҷумҳурӣ пурра зоҳир нашудани он ҷой дошт. Вале дар ҳолати табиии парвариши мақсадноки онҳо хусусияти зудрасии худро наслҳои онҳо хуб таҷассум намуданд, дар синни аз 18 то 24 моҳагӣ, аз ҷиҳати афзоиш нисбат аз чорвои маҳаллӣ 38,5-58,8 кг зиёдтар вазн доштанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки оид ба рушду инкишоф, рушду инкишоф, маҳсулнокии гӯштии дурагаҳои зоти қазоқии сарсафед бо чорвои маҳаллӣ, таркиби химиявии маҳсулоти гӯштии онҳо, нишондодҳои физиологӣ, маводҳои навин ба даст оварда шудааст. Ин маводҳо метавонанд дар оянда ҳангоми офаридани зоту типҳои нав истифода карда шаванд. Аҳамияти амалии таҳқиқотҳо дар он аст, ки чорвои дурагаи гӯштие, ки гирифта шудаанд, суръати афзоиши баланд, вазни зиндаи калон, маҳсулнокии гӯштии зиёд доранд. Дар як вақт арзиши аслии маҳсулнокии онҳо нисбатан кам, даромаднокӣ бошад, нисбат ба чорвои маҳаллӣ зиёдтар аст.

Таҳқиқоти илмии Сафарзода Зайнудин дар мавзуи «Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб» кори баанҷомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, дар сатҳи илмӣ ва методии муосир иҷро гардидааст, аз ҷиҳати муҳиммият, навгонии илмӣ-амалӣ, аҳамияти назариявӣ-амалӣ, пешниҳодот ва хулосаҳои илман асоснокшуда, нашри натиҷаҳои таҳқиқот ба талаботи пешниҳодкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 37 Низомномаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он - Сафарзода Зайнудин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ сазовор аст.

Вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Муовини раиси Кумита оид ба масъалаҳои
аграрӣ, захираҳои об ва замин, н.и.к. Ф. М. Икромӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
E-mail: fazlidin.ikromov@mail.ru

Имзои Икромӣ Фазлиддин Маҳмазоитро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
махсуси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф. С

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

15.06 соли 2026